HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI
RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 10-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# НАҚШИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ

**Асатуллоева Назира Акрам қизи**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Денав факултети
педагогика равия таҳсилоти ибтидоӣ донишҷӯи соли дуюми
гурӯҳи 108-БТ
Email: naziraasatulloeva@gmail.com
https://doi.org/ 10.5281/zenodo.17333007

**Аннотатсия:** Мақола ба масъалаи ҳамбастагии таълим ва тарбия, нақши омӯзгор ҳамчун шахсияти асосии ташаккули маънавӣ ва ахлоқии хонандагон, инчунин аҳамияти тарбия ҳамчун омили рушди маънавии инсон бахшида шудааст. Дар асоси назарияҳои педагогика ва таҷрибаи таърихӣ нишон дода мешавад, ки таълим танҳо дар ҳолати ҳамроҳӣ бо тарбия метавонад самараи пурра дошта бошад.

**Калидвожаҳо:** Таълим, тарбия, омӯзгор, шахсият, маънавият, ҷомеа, ахлоқ, арзишҳо, фарҳанг.

**Абстрактный:** Статья посвящена вопросу взаимозависимости образования и воспитания, роли учителя как главной фигуры в духовно-нравственном становлении учащихся, а также значению воспитания как фактора духовного развития личности. На основе педагогических теорий и исторического опыта показано, что образование может быть максимально эффективным только в сочетании с воспитанием.

**Ключевые слова:** образование, воспитание, учитель, личность, духовность, общество, нравственность, ценности, культура.

**Abstract:** The article is devoted to the issue of the interdependence of education and upbringing, the role of the teacher as the main figure in the spiritual and moral formation of students, as well as the importance of upbringing as a factor in the spiritual development of a person. Based on pedagogical theories and historical experience, it is shown that education can be fully effective only in combination with upbringing.

**Keywords:** Education, upbringing, teacher, personality, spirituality, society, ethics, values, culture.

Таълим ва тарбия – робитаи ҷудонашаванда , таълим ва тарбия ҷараёнҳое мебошанд, ки дар таърихи педагогика ҳамеша ҳамчун ду ҷанбаи ягонаи фаъолияти инсон маънидод шудаанд. Таълим дониш ва маҳоратро медиҳад, тарбия бошад шахсиятро бо ҷаҳонбинӣ, одоб ва ахлоқ месозад. Таълим бе тарбия шахсро танҳо соҳиби дониш месозад, аммо на инсони комил. Тарбия бе таълим бошад, шахсро ба камолоти маънавӣ бурда наметавонад Нақши омӯзгор дар таълиму тарбия,Омӯзгор шахсияти калидӣ дар ташаккули насли наврас аст. Ӯ на танҳо омӯзандаи фан, балки намунаи зиндаи маънавию ахлоқӣ мебошад. Муаллим офарандаи инсон аст, чунки тавассути каломи хирад ва рафтори худ ба шогирдон тарзи зиндагӣ карданро меомӯзад. Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор танҳо додани дониш нест, балки бедор кардани эҳсоси масъулият, меҳнатдӯстӣ, дӯстдории ватан ва арзишҳои умумибашарист. Саъдии Шерозӣ низ дар «Гулистон» таъкид мекунад, «Ту кӯдакро ба одоб тарбия кун, зеро дарахти ҷавонро метавон рост кард, вале агар пир шуд, дигар рост намешавад» (Гулистон, боби IV).Аз гуфтаҳои президент Мирзиёев метавон чунин хулосаҳо кард: Ҷавонон сармояи калон

ҳастанд ва бояд барои онҳо имкониятҳои воқеӣ фароҳам оварда шавад — таълим, касбомӯзӣ, шароити кор ва амал. Тарбия ҳамчун омили асосии рушди маънавӣ,тарбия бидуни шак асоси ташаккули маънавият аст. Маънавият маҷмӯи арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва ҳисси масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Тарбия воситаи асосии сохтани шахсияти маърифатӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии инсон аст. Дар ҷомеаи имрӯза, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ босуръат ҷараён доранд, нақши тарбия боз ҳам муҳимтар мешавад. Зеро танҳо шахсияти бо маънавият метавонад муқобили таҳдидҳои фарҳангӣ ва ахлоқӣ устувор бошад.Ҳамкории оила, мактаб ва ҷомеа ,таълим ва тарбия танҳо бо кӯшиши омӯзгор ба натиҷаи комил намерасанд. Оила ҳамчун муҳити ибтидоии тарбия ва ҷомеа ҳамчун майдони амалӣ шуданаш нақши муҳим доранд. Ҳамкории муаллим, падару модар ва муҳити иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки шахсият ҳамаҷониба рушд ёбад.Дар илми педагогика таълим ва тарбия ҳамчун ду раванд ба таври ҷудонашаванда дида мешаванд. Ҳар як фаъолияти таълимӣ бе унсури тарбияӣ маънои комил пайдо намекунад, ҳамчунин ҳар як амали тарбиявӣ бе унсури таълимӣ нопурра мемонад. Аз ҳамин ҷост, ки маорифшиносон таълим ва тарбияро ҳамчун «ду паҳлуи ягонаи як раванд» арзёбӣ. Таълим – раванди додани дониш, малака ва маҳорат ба хонандагон, ки мақсади асосиаш рушду инкишофи зеҳнӣ ва маърифатии шахс аст.Тарбия – равандест, ки ба ташаккули ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, муносибати иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавии шахс равона шудааст.Ҳардуи онҳо якдигарро пурра намуда, ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба мусоидат мекунанд.Ягонагии таълим ва тарбия жар ҷараёни ҳар як дарс омӯзгор на танҳо дониш меомӯзад, балки хонандагонро ба масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ ва ҳамкорӣ водор месозад. Тарбия бидуни дониш ноқис аст, зеро шахс танҳо бо донистан метавонад арзишҳоро дуруст дарк кунад. Ҳар ду раванд ба як ҳадафи умумӣ – ташаккули инсони комил, шаҳрванд ва шахсияти масъули иҷтимоӣ равона шудаанд. Нақши омӯзгор дар таълим ва тарбия. Муаллим ҳамчун раҳнамо – омӯзгор бо донишу таҷрибаи худ хонандаро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ мекунад.

Муаллим ҳамчун тарбиягар – бо ахлоқ, сухан, муносибат ва амали худ намунаи ибрат мешавад. Муаллим ҳамчун эҷодкор – усулҳои нави таълимӣ ва тарбиявиро истифода бурда, шароити мусоиди рушдро фароҳам меорад. Муаллим ҳамчун ҳамфикр ва дӯсти хонанда – муносибати самимӣ ва шаффоф миёни омӯзгор ва хонанда ба равнақи ҳам таълим ва ҳам тарбия мусоидат мекунад. Омӯзгор на танҳо донистани фан, балки доштани ахлоқи намунавӣ, фарҳанги муошират ва ҷаҳонбинии васеъро бояд доро бошад.Ӯ бояд ба хонандагон дарси зиндагӣ диҳад, на танҳо донишҳои назариявӣ.Тарбия ва таълимро бо талаботи замон ва арзишҳои миллӣ пайваст намояд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки таълим ва тарбия ду ҷараёни ягона мебошанд. Омӯзгор дар ин раванд на танҳо нақши омӯзанда, балки тарбиятгар ва намунаи шахсии ахлоқӣ мебозад. Тарбия бошад, чун омили асосии рушди маънавии инсон, шахсиятро бо арзишҳои умумибашарӣ, ахлоқ ва фарҳанги инсонӣ муҷаҳҳаз месозад. Танҳо бо ҳамкории омӯзгор, оила ва ҷомеа метавон инсони комил ва маърифатпарварро ба воя расонд.Таълим ва тарбия ҳамчун ду ҷараёни ягона ба ташаккули шахсияти инсон таъсири амиқ мерасонанд. Агар таълим ба шахс дониш бахшад, тарбия ӯро шахсияти солим, дорои ахлоқ ва арзишҳои инсонӣ месозад. Омӯзгор дар ин раванд нақши калидӣ дошта, ҳам муаллим ва ҳам тарбиягар аст. Ӯ бо сухан, рафтор ва ҷаҳонбинии худ ба

хонандагон роҳнамо шуда, онҳоро ба зиндагии мустақилона ва иҷтимоии солим омода месозад. Бинобар ин, муаллимро метавон асоси ҷомеаи солим ва пешрафта донист.

## Адабиёти истифодашуда:

1. Халилов М. Методикаи таълими ибтидоӣ. – Самарқанд: Маориф, 2019.
2. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Бухоро: Адиб, 2017. – Саҳ. 115.
3. Amirqulov, A. (2023). HUQUQIY MADANIYATNI SHAKLLANTIRISHDA O ‘RTA ASRLAR SHARQ MUTAFAKKIRLARI MA’NAVIY MEROSINING ROLI. Евразийский журнал академических исследований, 3(1 Part 3), 76-79.
4. WWW.Pedagog.uz.